Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-002-и
назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Ҳоҷиев Муҳиддин Соҳибқулович дар мавзӯи «Қонунномаи Сосониён ҳамчун сарчашмаи ҳуқуқӣ: таҳқиқоти таърихӣ-ҳуқуқӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯи ихтисоси 12.00.01- Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимоти ҳуқуқӣ ва сиёсӣ пешниҳод шудааст**

Таҳлилҳои таърихӣ нишон медиҳад, ки миллати тоҷику форс аз ҷумлаи халқиятҳои дорои таъриху саргузаштҳо ва урфу одатҳои бофазлу хирадманде будаанд, ки пайваста баҳри некуаҳволии мардум талош варзидаанд, то дар ҷомеа адл ҳукмрон бошад, ки намунаи возеҳи ин гуфтаҳоро метавон аз Қонунномаи Сосониён пайдо кард. Санади таърихию ҳуқуқии мазкур дарбаргирандаи муносибатҳои оилавӣ, шаклҳои никоҳ, истифодаи навъҳои мухталифи қарордодҳо, масъалаҳои мерос, васоят, ҷиноят, ҷазо ва дигар соҳаҳои ҳуқуқ мебошад. Ҷанбаҳои мухталифи давлатдории Сосониён аз нуқтаи назари ҳуқуқӣ дар Қонунномаи Сосониён омӯзиш ва баррасии худро ёфтааст. Дар баробари ин, равшанӣ андохтан ба ҳифзи ҳуқуқи инсон, тарзи гузаронидани мурофиаи судӣ, эҳтироми нақш ва мақоми додгоҳ худ шаҳодати фарҳанги ҳуқуқии рушдкарда ва низоми идоракунии устувори мардуми тоҷику форс мебошад.

Ҳоҷиев Муҳиддин Соҳибқулович дар доираи диссертатсияи илмии худ таҳти мавзӯи «**Қонунномаи Сосониён ҳамчун сарчашмаи ҳуқуқӣ: таҳқиқоти таърихӣ-ҳуқуқӣ**» тавониста, ки масъулият ва вазифаи худро то ҳадди имкон ба иҷро расонад. Унвонҷӯ кори илмии худро аз омилҳои сиёсӣ ва ҳуқуқии пайдоиши Қонунномаи Сосониён, заминаҳои ҳуқуқии таҳияи Қонунномаи Сосониён оғоз намуда, баъдан ба таснифи меъёрҳои ҳуқуқии

Қонунномаи Сосониён, табиати ҳуқуқии меъёрҳои он инчунин, меъёрҳои ҳуқуқии гражданӣ, оилавӣ ва меъёрҳои ҳуқуқии судиро дар доираи Қонунномаи Сосониён мавриди омӯзиш, таҳлил ва баррасӣ қарор додааст. Дар фарҷом хулоса ва пешниҳодҳои илман асоснок ва барои ҷомеаи имрӯза зарӯриро ба миён гузоштааст, ки метавонад, ки ба рушди илми ҳуқуқшиносӣ манфиатбор бошад.

Анҷом додани тадқиқоти илмӣ аз ҷониби Ҳоҷиев Муҳиддин Соҳибқулович дар самти мазкур замина фароҳам меорад то мушкилоти ифшонагардида ба таври илмӣ роҳи ҳалли худро ёбад ва дар таҳкими ҳуқуқӣ мусоидат намоянд.

Дар диссертатсия ва автореферат Ҳоҷиев Муҳиддин Соҳибқулович кӯшиш намудааст, ки дар асоси сарчашмаҳо ва таҳқиқоту таҳлилҳои олимон меъёрҳои ҳуқуқии Қонунномаи Сосониёнро доир ба меъёрҳои ҳуқуқи гражданӣ, ҳуқуқи оилавӣ, ҳуқуқи судӣ ва меъёрҳои ваколатдоркунанда, уҳдадоркунанда, манъкунандаро дар алоҳидагӣ мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор диҳад.

Инчунин, унвонҷӯ асосҳои методологию назариявӣ, заминаҳои меъёрӣ, таърихӣ-ҳуқуқӣ, навгониҳои илмӣ, нуқтаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳамияти назариявӣ ва амалии рисоларо муайян намудааст.

Дар маҷмӯъ, автореферати рисолаи илмии Ҳоҷиев Муҳиддин Соҳибқулович мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, дар он ҷанбаҳои илмӣ пайдарпай баррасӣ гардида, мантиқан масъалагузорӣ шудаанд ва он сазовори баҳои мусбат мебошад.

Диссертатсияи Ҳоҷиев Муҳиддин Соҳибқулович, ки «**Қонунномаи Сосониён ҳамчун сарчашмаи ҳуқуқӣ: таҳқиқоти таърихӣ-ҳуқуқӣ**» ном гирифтааст, мавзӯи мубрам ба ҳисоб рафта, он заминаи тадқиқи ҳамаҷонибаи Қонунномаи Сосониён ҳамчун сарчашмаи таърихӣ ҳуқуқӣ мавриди коркард қарор нагирифта буданд, фароҳам меорад.

Дар диссертатсия ҳашт нуқтаи назариявӣ ва амалӣ илмӣ ба ҳимоя пешниҳод шудааст, ки ҳамагӣ муҳим буда, дар илми ҳуқуқшиносӣ навгонӣ маҳсуб меёбанд.

Муаллифи диссертатсия доир ба идора намудани ҳудуди бузурги империя давраи Сосониён ва дар Қонуннома оид ба фаъолияти мақомоти алоҳидаи давлатӣ таъмини низоми ҳуқуқӣ бо меъёрҳои нав ва инчунин муайян намудани фаъолияти мақомоти гуногуни давлатӣ андешаҳояшро баён сохтааст (саҳ 22).

Муаллиф дар натиҷаи тадқиқоти илмии анҷомдодааш ба хулосае омадааст, васеъ гардидани ҳудуди империяи Сосониён, ҳамроҳ гардидани ҳудудҳои нав, аз як тараф идоракуниро мушкил ва мураккаб гардонида бошад, аз тарафи дигар проблемаҳои ҳуқуқиро ба миён оварда буд. Зеро дар ин ҳудудҳо, то ҳамроҳ гардидан ба империяи Сосониён низоми алоҳидаи ҳуқуқӣ амал менамуд. Пас аз дохил гардидан зарур буд, ки ин ҳудудҳои нав бо хусусиятҳои хосси худ, вориди низоми ҳуқуқии давлати Сосониён гарданд. Албатта ворид гардидани онҳо, як қатор дигаргуниҳои ҳуқуқиро низ талаб менамуд, ки дар Қонуннома бояд дарҷ мегардиданд (саҳ 22). Чунин нуқтаҳои илмии матраҳгардида боиси дастгирӣ мебошанд.

Дар баробари ин, тадқиқоти Ҳоҷиев Муҳиддин Соҳибқулович аз нуктаҳои илмии мубоҳисавӣ холӣ нест.

Унвонҷӯ сарчашмаҳои ҳуқуқии давраи Сосониёнро аз ҷумла Авесто, «картак», дастурамали «Ёддошт» (асяткар), «Китоб оид ба амалҳои Ардашер», «Китоб оид ба ҳукмронӣ», «Мактуби Тансар» ва дигар сарчашмаҳои ҳуқуқиро, ки дар Қонуннома дарҷ гардидаанд, ба риштаи таҳлил кашидааст. Мувофиқи мақсад мебуд, ки зимни ҳимояи рисолаи илмӣ ба саҳми Қонуннома дар рушди илми ҳуқуқ, зарурат ва муҳимияти инъикоси меъёрҳои ҳуқуқии он дар низоми ҳокимияти қонунгузории ҷомеаи имрӯзаро пурратар таҳқиқ ва ба таври васеъ шарҳу тавзеҳ медод.

Аммо эроди мазкур хусусияти ҷузъӣ дошта, сифат ва сатҳи рисолаи анҷомдодашударо коҳиш намедиҳанд. балки мавқеи муаллифро ҳангоми

ҳалли масъалаҳои гуногун дар алоҳидагӣ нишон медиҳанд, ки ин яке аз бартариятҳо дар раванди кори илмӣ маҳсуб меёбад.

Бо дарназардошти нуктаҳои иброзгардида, дар маҷмӯъ хулоса кардан мумкин аст, ки диссертатсияи омоданамудаи Ҳоҷиев Муҳиддин Соҳибқулович дар мавзӯи «**Қонунномаи Сосониён ҳамчун сарчашмаи ҳуқуқӣ: таҳқиқоти таърихӣ-ҳуқуқӣ**» кори илмии анҷомёфта маҳсуб меёбад ва ҷавобгӯи тамоми талаботҳои Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 - уми ноябри соли 2016, таҳти №505 ба тасвиб расидааст) буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯи ихтисоси 12.00.01. – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат, таърихи таълимоти ҳуқуқӣ ва сиёсӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) мебошад.

Номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
Сардори шуъбаи ҳуқуқ ва кор
бо кадрҳои Кумитаи кор бо занон
ва оилаи назди Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон Бухориева Сафаргул Мансуровна

73 4000 Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе
Хиёбони Лоҳути 14
Телефон: (+992) 985567940
Факс: (+992) 37 2271741
Почтаи электронӣ: bsafargul@mail.ru

Имзои Сафаргул Бухориеваро тасдиқ мекунам
Сармутахассиси шуъбаи ҳуқуқ ва
кор бо кадрҳои Кумитаи кор бо занон
ва оилаи назди Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон Салимзода Ф.А.

ШУЪБАИ ҲУҚУҚ ВА КОР БО КАДРҲО